# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Уроқов Мирзомурод Давлатмуродович дар мавзӯи «**Асосҳои методии ҳамбастагии методҳои таълим ва тарбия дар иҷрои вазифаҳои таълими фанни химия**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02- Назария ва усулҳои омӯзишу парвариш (химия)

Вазифаи муҳими таълими курси химия ин ташаккул додани мафҳумҳои химиявӣ мебошад. Тавре ки муаллиф қайд менамояд, ҳамбастагии методҳои таълим ва тарбия барои ташаккул додани сатҳи дониши илмии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро инъикос менамояд.

Фаҳмиши илмии мафҳумҳо дар раванди рушди илм дигар шуда такмил меёбанд ва давраҳои муайяни дарккуниро аз сар мегузаронанд. Муносибати методҳои таълим ва тарбияи анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ ба омӯзиши курси химия, ҳаракати пай дар пай азхуднамудани мавзӯҳои таълимиро, ки пеш аз ҳама ба рушди методҳоро таъсири мусбат мерасонад, дар назар дорад.

Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст:

-мазмуни мафҳуми «анъанавӣ» ва «ғайрианъанавӣ»-и методҳои таълим ва тарбия дида баромада ва аниқ карда шуд;

-имконияти дар дарсҳои химия истифода бурдани методҳои тарбия ва истифода кардани методҳои таълими фанни химия дар раванди тарбия муайян карда шуд;

-сатҳи мутобиқшавӣ ба шароити мушаххаси раванди таълими химия, дар ҳамбастагӣ истифода намудани методҳои таълим ва тарбияи анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ дарёфт карда шуд.

Дар муқаддима чун қоида, мубрамияти мавзӯъ асоснок карда шуда, ҳадаф, объект, предмет ва масъалаҳо муайян гардида, мухолифатҳо ва фарзияи таҳқиқот ифода ёфта, навоварии илмӣ, марҳилаҳои таҳқиқот пешниҳод шуда, аҳамияти амалии автореферати диссертатсия, мафҳумҳои заминавӣ асоснок гардонида, маълумот оид ба

озмоиши натиҷаҳо, сохтори автореферати дисертатсияи илмӣ ба ҳимоя баровaрда шудаанд.

Боби якум бо унвони “Ҷанбаҳои методологӣ ва назариявии истифодаи методҳои таълим ва тарбия дар ҷараёни омӯзиши химия” аз чор зербоб иборат аст. Дар зербоби аввал раванди асосҳои назариявӣ ва методологии методҳои таълиму тарбияи анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ дар методикаи таълими химия таҳлил карда шудааст. Дар зербоби дуюм- “Истифодаи босалоҳияти имконияти методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавии тарбия дар иҷрои вазифаҳои таълими фанни химия”- раванди таълим таъсири мусбӣ мерасонад, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар зербоби сеюм “Нақши методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавии таълим дар ҳалли босалоҳояти вазифаҳои тарбиявӣ”–дарсҳои химия дида дарҷ гардидааст. Дар зербоби чорум “Фаъолгардонии ҷанбаҳои тарбиявии методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ дар ҷараёни таълими босалоҳияти химия”- муҳокима карда шудааст.

Боби дуюм- “Истифодаи системаи ҳамбастагии методҳо ҳангоми иҷрои вазифаҳои таълимӣ ва тарбиявии курси химия” аз ду зербоб иборат мебошад. Дар зербоби якум масъалаҳи тавсифи ҳамбастагии методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанвӣ дар раванди таълими химия мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар зербоби дуюм “татбиқи амалии системаи методии ҳамбастагии методҳои таълим ва тарбия дар раванди омӯзиши химия баррасӣ гардидааст.

Дар боби сеюм- “Омӯзиш дар ҳамбастагӣ истифода намудани методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ ҳангоми ташаккули раванди таълим аз фанни химия” таҳлили натиҷаи таҳқиқ дар давраи муқарраркунии озмоиши педагогӣ ба анҷом расонидааст. Дар асоси таҷрибаҳои ба дастомада аз омӯзиши ташакулдиҳии таҳқиқот муаллиф тавсия медиҳад,ки:

-мақсаднокии фаъолияти якҷояи омӯзгори химия ва хонанда;

-интихоби методҳо дар асоси хосиятҳои хоси синнусолии хонандагон;
-мувофиқати методҳои интихоб кардашуда ба имкониятҳои фардӣ, сатҳи рушди эҷодию методии омӯзгори химия;
-донистан ва азхудкунии озоди методҳои таълим ва тарбияи анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ;
-маҳорати истифодаи имкониятҳои методҳои таълим ва имкониятҳои таълими методҳои тарбия дар раванди таълими химия;
-интихоби гуногун мувофиқаткунандаи методҳои таълим ва тарбия вобаста аз хусусияти хоси вазифаҳои таълимие, ки дар дарси химия гузошта шудаанд;
-банақшагирӣ ва системанокии чунин интихоби шароит, ки муваффақиятнокии омузиши методҳои интихобкардашударо таъмин менамоянд.

Мазмун ва муҳтавои автореферат, мақолаҳои илмии дар нашрияҳо чоп шуда, ба мавзӯи таҳқиқоти илмӣ, иҷрои мақсаду вазифаҳои дар пешгузоштаи муаллиф мувофиқат менамоянд.

Бо назардошти арзиши илмию амалии автореферати диссертатсияи мазкур ва пешниҳоду дархостҳои автореферати Уроқов Мирзомурод Давлатмуродович дар мавзӯи «Асосҳои методии ҳамбастагии методҳои таълим ва тарбия дар иҷрои вазифаҳои таълими фанни химия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02- Назария ва усулҳои омӯзишу парвариш (химия) пешниҳод гардидааст, барои ҳимоя тавсия карда мешавад.

Доктори илми химия, дотсенти
кафедраи химия ва биологияи тиббии МДТ
« Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон» ____________ Ғафуров Б.А.

Имзои доктори илми химия, дотсенти кафедраи химия ва биологияи тиббии МДТ « Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон» Ғафуров Б.А ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳои ДДТХ: ____________ Асоев С.П.

**Маълумот дар бори тамос: МДТ « Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон»**
**Суроға:** 725320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, н. Данғара, кӯчаи Исмат Шарифов-3.
Wed site: www. Khatmedun.tg
Тел: +(992)907437272
E-mail: gafurov.bobomurod.64@mail.ru

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ХАТЛОН
ТАСДИҚ МЕКУНАМ
имзо
«14» 10 с. 2021